*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе,734067, кӯчаи Нахимов, 64/4*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Таҳлили автореферати Асоев Илҳом Зикрёевич нишон дод, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия аксёфта, дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд вазъи кунунии равандҳои соҳаро беҳтар созанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки сатҳи некуаҳволии мардум аз ҳолат ва вазъияти соҳаи тандурустӣ алоқамандии зич дошта, идоракунии он аз тариқи васеъ истифода бурдани нишондиҳандаҳо дар доираи дараҷаи ташаккул ёфтани солимии аҳолӣ, шарти муҳимтарини пешбурди иқтисодиёт ба шумор меравад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматрасонии соҳаи тандурустӣ дар вилояти Хатлон рушду равнақ ёфта истодааст.

Бартарии автореферати муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки рушди хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ маънидод намудааст, ки ҳангоми ташкили фаъолияти гуногуни хизматрасониҳо дар байни аҳолӣ ҷойҳои корӣ пайдо шуда, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ беҳтар мешавад.

Бояд қайд кард, ки то имрӯз дар дар минтақаи Хатлон оид ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ таҳқиқи маҷмуӣ гузаронида нашудааст. Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати таҳқиқу тавсеаи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмию амалӣ асоснокгардида оид ба самтҳо ва роҳҳои баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шароити муосир навгониҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Таҳқиқи диссертант нишон додааст, ки ҳалли масъалаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, бозори меҳнат ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар даврони бухрони молиявию иқтисодӣ бештар ба танзими давлатӣ ниёз доранд. Агар дар соли 2010-2015 афзоиши миёнасолонаи аҳолӣ 1,7% бошад, ин рақам дар соли 2020 ба 1,6% баробар буд, ки он аз дараҷаи миёнасолонаи 2010-2015

0,1% пасттар мебошад. Аз ин ҷо зарурати дастгирии давлатии дараҷаи некуаҳволии мардуми минтақа дар заминаи танзими шуғли меҳнат, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум дар вилояти Хатлон амал намудани механизми баланд бардоштани некуаҳволиро тақозо дорад. (саҳ.19).

Муаллиф бо мақсади таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии муайянкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон, моделҳои ҳисобии дурнамосозӣ таҳия карда, дар асоси онҳо дурнамои нишондиҳандаҳои мазкурро то соли 2025 ҳисоб намудааст. Дар раванди таҳқиқот бо ин мақсад алоқаи байниҳоҷагии кишвар дар ташаккули некуаҳволии мардуми минтақа ва арзёбии нишондиҳандаҳо бо интихоб намудан аз маҷмуи омилҳо, нишондиҳандаи таъсиси даромад ба эътибор гирифта шуда, барои дарёфт ва сафарбар кардани имкониятҳо дар вилояти Хатлон мавриди арзёбӣ қарор дода шудаст. Ҳангоми сохтани дурнамои нишондиҳандаҳои рушди устувори иҷтимоии минтақаи Хатлон маълумоти омориро барои солҳои 2009-2018 истифода карда, модели ҳисобии авторегрессионии дурнаморо барои солҳои 2019-2025 таҳия кардааст, ки дар натиҷаи истифодаи моделҳои таҳияшуда дурнамои суръати нишондиҳандаҳои асосии рушди устувори иҷтимоии вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2019-2025 пешбинӣ гардидааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф дар автореферати худ дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии муайянкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардуми вилояти Хатлонро аз нигоҳи худ муайян кардааст, аммо мутаасифона дар автореферат ягон модели математикӣ ва ё ҷадвали махсусе вуҷуд надорад, ки дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии муайянкунандаи дараҷаи некуаҳволии мардумро инъикос кунад;

2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки онҳо ислоҳро тақозо менамоянд.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро тағйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ, методологии дар автореферат пурра таҳқиқи илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» пешниҳод гаштааст, ки он рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои

хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф Асоев Илҳом Зикрёевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611–Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

Такриздиханда:
номзади илмхои иктисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти бонкии ДДБ ба номи НосириХусрав Джайлоев З.М.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар,
кучаи Айни-67,www.btsu.tj, bgu-1978@mail.ru

Имзои Джайлоев З.М.-ро тасдиқ мекунам
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС